**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

аз «30» марти соли 2021 № 83/дн. ш. Душанбе

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–005 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих ба Қурбонова Ширин Исмоиловна дар мавзӯи **“Нақши Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ –иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019”** бинобар риоя нагардидани банди 22 Низомномаи шӯроҳои экспертии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2017, №2/5) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих ба Қурбонова Ширин Исмоиловна рад карда шавад.
3. Ҳимояи такрории диссертатсияи Қурбонова Ширин Исмоиловна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих баъд аз 3 моҳ аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур иҷозат дода шавад.
4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.
5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори шӯрои экспертии самти илмҳои Таърих, мардумшиносӣ ва бостоншиносӣ (суратҷаласа аз 11 марти соли 2021, №9) ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2021, №3.

Раис Розиқзода А.Ш.